## Подкасти лоиҳаи GEFF Тоҷикистон #1: Техникаи кишоварзӣ

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Ба шумораи нахустини подкасти лоиҳаи GEFF Тоҷикистон, ки ҳар ду ҳафта нашр мешавад, хуш омадед! Ман Азиз Гафоров, Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон ҳастам. Подкастҳои лоиҳаи GEFF Тоҷикистон ба рушди занҷираҳои арзиши иловашуда дар соҳаи кишоварзӣ ва агробизнес бахшида шудаанд, ки сӯҳбатҳо ва муҳокимаҳоро бо коршиносони маҳаллӣ, агрономҳо ва муҳандисони маҳаллӣ дар бар мегиранд. Подкастҳо ба мавзӯъҳои мухталиф бахшида шудаанд, ки технологияҳои инноватсионии гуногун, чораҳои сарфакоронаи захираҳоро дар минтақаҳои мушаххас ва бахшҳои тиҷорат, инчунин ҷанбаҳои мушкилоти иқлимро муаррифӣ мекунанд. Ҳамчунин шумо метавонед дар бораи таҷрибаҳои муваффақи воқеии мизоҷони лоиҳаи GEFF Тоҷикистон аз манотиқи мухталифи кишвар, ки дастгирии молиявии GEFF гирифтаанд, гӯш намоед.

Барномаи Маблағгузории Иқтисоди Сабзи Тоҷикистон лоиҳаи Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд буда, дар ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо, Хазинаи Иқлими Сабз ва Ҷумҳурии Корея амалӣ менамояд. “Сармоягузориҳои сабз” тиҷоратро тавассути кам кардани таъсири он ба муҳити зист боз ҳам самараноктар мегардонанд. Якҷоя бо донорҳо ва шарикони молиявӣ, лоиҳаи GEFF Тоҷикистон ба бахши хусусӣ, баҳри дастгирии гузариш ба иқтисоди сабз, кӯмак мерасонад.

Имрӯз мо дар бораи техникаи каммасрафи кишоварзӣ ва унсурҳои муҳими модернизатсияи кишоварзӣ сӯҳбат хоҳем кард. Мутахассиси мо оид ба техникаи кишоварзӣ Парвин Ҷабборов дар бораи мушкилоте, ки деҳқонони маҳаллӣ дучор мешаванд, роҳҳои ҳаллашон, ки рақобатпазирии занҷираҳои арзиши иловашуда дар соҳаи кишоварзӣ ва устуворӣ ба тағирёбии иқлимро дар Тоҷикистон афзоиш медиҳанд, гуфта медиҳад. Парвин, метавонед ба мо нақл кунед, ки чӣ гуна механиконии хоҷагиҳо ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзиро афзоиш медиҳад?

*Мутахассис оид ба техникаи кишоварзии лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Ташаккур, аввалан, механиконии муносиби кишоварзӣ омили асосии баланд бардоштани маҳсулнокиву рақобатпазирӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва комплекси агросаноатӣ мебошад. Ин ба мо имкон медиҳад, ки аз хоҷагии истеъмолоти шахсӣ ба хоҷагии тиҷоратие, ки даромади нисбатан зиёд меорад, гузарем. Намудҳои дуруст интихобшудаи техника ва агрегатҳо метавонанд кам шудани сарбории кишоварзонро дар баробари нигоҳ доштани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, таъмин кунанд.

Инчунин баъзе аз манфиатҳои деҳқонро номбар кардан зарур аст, ба монанди баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва маҳсулнокии як коргар, афзоиш додани ҳосили зироат тавассути механиконии хоҷагиҳои деҳқонӣ, даромади иловагӣ аз хизматрасонӣ ба дигар хоҷагидорон ва афзоиши умумии истеҳсолот ва даромаднокии деҳқон. Бисёре аз деҳқонон дар механиконии хоҷагии қишлоқ бо мушкилот рӯбарӯ шуданд, зеро ин омили асосии баланд бардоштани ҳосил мебошад.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Ин хеле ҷолиб аст ва оё ягон мушкилот ё душвориҳои умумие, ки деҳқонони мо дучор мешаванд, вуҷуд доранд?

*Мутахассис оид ба техникаи кишоварзии лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Ҳа аллбата. Ман метавонам чанде аз онҳоро номбар кунам. Арзиши баланди хизматрасонии хоҷагӣ, масалан, нархи шудгор кардани замин тақрибан 500 сомонӣ барои як гектар, кишт 350 сомонӣ дар як гектар, шинондан 200 сомонӣ дар як гектар, коркарди байниқаторӣ 150 сомонӣ барои як гектар ва ғайра. Аз сабаби набудани тракторҳо дар минтақаҳо, деҳқонон баъзан ба мӯҳлати мусоиди агротехникии корҳои саҳроӣ расида наметавонанд (тайёр кардани хок, коштани тухмиҳо, коркарди зироатҳо оид ба мубориза бо ҳашароти зараррасону касалиҳо, ҷамъоварии ҳосил ва ғайра), ин ба кам шудани миқдор ва сифати зироат оварда мерасонад. Ғайр аз он, тахассуси ронандагони тракторҳо, ки барои коркарди замин, кишт ва ҳосилғундорӣ киро карда шудаанд, на ҳамеша барои кори пурсамари саҳроӣ бо тракторҳо кифоя мебошанд.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Ташаккур барои мубодилаи иттилоот дар бораи хароҷотҳо вобаста ба чорабиниҳои гуногун. Ин ба шунавандагони мо кӯмак мекунад, ки оқибатҳои молиявии қарорҳои худро дарк кунанд. Тавре ки мо медонем, техникаи кӯҳнаи кишоварзӣ сӯзишвории зиёд сарф мекунад ва ба муҳити атроф таъсири манфӣ дорад, оё шумо дар ин бора андешаҳои худро иброз карда метавонед?

*Мутахассис оид ба техникаи кишоварзии лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Бале, тавсия дода мешавад, ки технологияҳои инноватсионӣ ва сабз ба таври мунтазам ба занҷираҳои арзиши иловашуда дар соҳаи кишоварзӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии кишти зироатҳо ворид карда шаванд. Ба ин, тавассути хариди тракторҳои муосир бо сарфи ками сӯзишворӣ ва коҳиш додани партоби газҳои гулхонаӣ муваффақ шудан мумкин аст. Инчунин истифодаи насосҳои каммасраф, агрегатҳои замонавии сардхона, панелҳои офтобӣ, гармхонаҳо тавсия дода мешавад, ки таъсири экологиро кам ва устувориро ба тағирёбии иқлим афзоиш медиҳанд.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Парвин, ба ман бигӯед, ки усулҳои баҳодиҳии самарабахшии тракторҳои мушаххас кадоманд. Ман чӣ гуна метавонам бифаҳмам, ки трактор самаранок аст ё не?

*Мутахассис оид ба техникаи кишоварзии лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Ҳа аллбата. Дар илмҳои муосири техникӣ усулҳои баҳодиҳии энергетики, сарфи энергия ва пешгӯии самаранокии агрегатҳои сайёри кишоварзӣ, аз ҷумла тракторҳо аллакай таҳия ва асоснок карда шудаанд. Усули аз ҳама босамар ва соддатарин барои муайян кардани самаранокӣ, ин усули таҳлили муқоисавӣ буда, аз рӯи 3 нишондиҳандаи асосӣ муайян карда мешавад:

- ✓ Омили аввал ва муҳимтарин ин нишондиҳандаҳои агротехникӣ мебошад - нишондиҳандаҳои сифати корҳои саҳроӣ дар муқоиса бо як трактори ба он монанд, яъне хусусиятҳои кашандагии трактор, маҳсулнокӣ, сифати коркарди хок ва ғайра;
- ✓ Дуюм нишондиҳандаи сӯзишворию-иқтисодӣ - муайян кардани сарфи сӯзишвории дизелӣ нисбат ба воҳиди майдон барои намудҳои гуногуни корҳои саҳроӣ (шудгор кардани замин, кашидани ҷӯякҳои обёрӣ, коркарди хок ва ғайра);
- ✓ Нишондиҳандаи сеюм ин нишондиҳандаи экологӣ мебошад - дар ин ҷо сухан дар бораи сатҳи партовҳои ихроҷ ба атмосфера меравад. Моделҳои нави тракторҳои дар солҳои охир истеҳсолшуда бо муҳаррикҳои дизелии муосир ба талаботи стандартҳои байналмилалии экологӣ бо номи Euro ва Tier мувофиқанд. Фарқияти асосии онҳо аз ҳамтоёни кӯҳна ин паст будани меъёри партовҳои гази зараровар ба атмосфера мебошад.

Ҳамин тариқ, бо истифода аз усули таҳлили муқоисавӣ шумо метавонед самаранокӣ ва бартариҳои тракторатонро бо муқоисаи он бо аналоги мавҷуда зуд муайян кунед.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Маслиҳатҳои хеле муфид барои деҳқононе, ки мехоҳанд трактор харидорӣ намоянд, ташаккур. Ва агар шумо метавонед, марҳамат, якчанд тавсияҳо масалан оид ба зироатҳои техникӣ пешниҳод кунед?

*Мутахассис оид ба техникаи кишоварзии лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Агар деҳқон зироатҳои техникӣ, аз қабили пахта, ҷуворимакка, лубиё парвариш намояд, дар ин ҳолат он тракторе, ки метавонад тамоми корҳои саҳроиро оид ба парваришу нигоҳубини ҳамин зироатҳо иҷро кунад, самарабахш ба ҳисоб меравад. Ман ба деҳқонон тавсия медиҳам, ки трактори сечархаро интихоб намояд, ки барои кор дар байни қатори зироатҳо пешбинӣ шудааст, ки фосилаи байни қаторҳо 60-70 сантиметр аст.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Парвин, оид ба моделҳои трактор кӣ маслиҳат дода метавонад? Ин маълумотро аз куҷо осон пайдо кардан мумкин аст?

*Мутахассис оид ба техникаи кишоварзии лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Дар мавриди интихоби модели тракторҳо шумо ҳамеша метавонед бо таъминкунандагони тракторҳо, ки дар саросари кишвар фаъолона кор мекунанд, тамос гиред. Масалан, дар Тоҷикистон бисёр ширкатҳо бо ворид ва бандубасти тракторҳо ва минитракторҳо машғуланд, ба монанди Корхонаи воҳиди давлатии "Тоҷикагролизинг", ҶСШП "Агротехсервис", ҶСК Мадади Турсунзода, ҶДММ "Агралис Тоҷикистон", ҶС "Узагротехсаноатхолдинг", Кооперативи Сароб, ҶДММ «Мадад-Агро» ва дигарон. Ин ширкатҳо марказҳои машваратӣ, толорҳои намоишӣ, нуқтаҳои хидматрасонӣ, анборҳои қисмҳои эҳтиётӣ доранд ва ҳамеша марказҳои тамоси ширкатҳои мазкур фаъоланд.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Ғайр аз он, деҳқонон метавонанд бо таъминкунандагони ин маҳсулот тавассути раёсатҳои кишоварзии шаҳру ноҳияҳо дар тамос шаванд. Бояд қайд кард, ки коршиносони лоиҳаи GEFF дар якҷоягӣ бо муассисаҳои молиявии маҳаллӣ инчунин дар доираи лоиҳа семинарҳои технологӣ баргузор намуда, бо аъзоёни ҷамоатҳо мулоқот карданд ва ба деҳқонон барои интихоби таъминкунандагони боэътимод ёри расониданд, ки хизматрасонии баъди фурӯшро низ пешкаш менамоянд ва метавонанд муштариёнро бо қисмҳои эҳтиётии зарурӣ бо нархҳои арзон таъмин кунанд.

*Мутахассис оид ба техникаи кишоварзии лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Инчунин мехоҳам қайд намоям, ки деҳқонон мунтазам барои маслиҳат оид ба интихоби дурусти техникаи кишоварзӣ, арзиши он, хариди қисмҳои эҳтиётии аслӣ ва дигар масъалаҳо ба мо муроҷиат мекунанд. Баъзеи онҳо инчунин изҳори хоҳиши идомаи ҳамкорӣ бо GEFF карданд ва мехоҳанд муштариёни доимии лоиҳа барои хариди технологияҳои гуногун гарданд. Ва агар касе оид ба эҳтиёҷоти таҳлили ягон лоиҳаи мушаххас дошта бошад ё ба тавсияҳои марбут ба технологияҳои каммасраф ниёз дошта бошад, мо ҳамеша омодаем, ки ба онҳо кӯмак расонем.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Дар партави ҷории Ковид-19 деҳқон аз хона чӣ кор карда метавонад? Ягон пешниҳодҳо ҳаст?

*Мутахассис оид ба техникаи кишоварзии лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Деҳқон бевосита ба парвариши зироатхо машғул аст. Деҳкон наметавонад дар хона нишинад, зеро ӯ одами саҳрост, тақдири амнияти озуқавории ҳар як кишвар аз ӯ вобаста аст. Азбаски мавсими ҷамъоварии ғалладона дар Тоҷикистон сар шудаст, дар тамоми минтақаҳои кишвар, аҳолии деҳот ба ҷамъоварии ғалладона машғуланд ва деҳқононе, ки зироатҳои пешинаро ҷамъоварӣ намуданд, кишти дубораро оғоз менамоянд, то ин ки дар як сол ду ё се ҳосил ба даст оранд. Аз ин рӯ, мо танҳо тавсия медиҳем, ки ҳангоми иҷрои кор тамоми меъёрҳои бехатарию санитариро риоя карда шавад.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Ташаккури зиёд. Ва ҳоло ман мехоҳам бо ҳамкасби худ дар бораи таҷрибаи муваффақи зане, ки ба трактори муосир маблағгузорӣ карда, ҳосилнокиро афзоиш додааст, сӯҳбат намоям. Ин таҷрибаи воқеӣ ва таъсирбахш аст. Деҳқонзан Шамсихол Султонова аз деҳаи Айвоч мебошад, ки дар ҷануби Тоҷикистон воқеъ аст. Тавре ки ман медонам, айни замон Шамсихол Султонова 20 нафар коргарони доимиро роҳбарӣ мекунад, ки зиёда аз 50% онҳоро занон ташкил медиҳанд. Ӯ 15 га замин дорад ва ба ғайр аз ин 20 га заминро барои парвариши пахта ва дигар зироатҳо ба иҷора гирифтааст. Замира, оё шумо метавонед дар бораи ин таҷриба ба мо маълумоти бештар диҳед?

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Салом, албатта. Дуруст қайд кардед,  аммо пеш аз механиконидани хоҷагӣ бо трактори шахсӣ, Шамсихол Султонова  хизматрасониҳои техника ва таҷҳизотҳои кишоварзиро ба иҷора мегирифт, ки аксаран безътимоданд. Ҳамин тариқ, барои бартараф намудани ин мушкилоти худ, Шамсихол Султонова барои гирифтани қарз бо лоиҳаи GEFF ба яке аз бонкҳои шарики Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд муроҷиат карда, ба трактори нави каммасрафи тамғаи MTZ 80X сармоягузорӣ кард. Самаранокии кории чунин тракторҳо то ба 20% сарфа намудани сӯзишворӣ оварда мерасонад. Трактор барои шудгор, тайёр кардани замин, кишт, дорупошӣ ва нармкунии байни қаторҳо истифода бурда мешавад. Он инчунин талаботро ба меҳнати дастӣ кам карда, ба сарфаи назарраси захираҳо ва коҳиш додани партовҳои зараровар ба атмосфера имконият медиҳад.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Инчунин, Шамсихол Султонова гранти сармоягузории Иттиҳоди Аврупоро дар ҳаҷми 30% ба даст овард, ки маблағгузориро барои деҳқонон дастрас менамояд.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Қайд кардан муҳим аст, ки айни замон ӯ ба нақша гирифтааст, ки бештар занҳоро ба кор ҷалб намояд, то онҳо бо ҷои корӣ таъмин шаванд ва ин ба зиёд шудани даромади занон дар деҳот мусоидат менамояд. Ин як нишондоди хуб аст, ки чӣ гуна лоиҳаи GEFF Тоҷикистон ба баҳрабардорони зан, ки қарорҳои технологиро қабул кардаанд ва рақобатпазирии худро баланд бардоштаанд, таъсири мусбӣ расонд. Инчунин, илова кардан мехоҳам, ки лоиҳаи GEFF Тоҷикистон фаъолиятҳои марбут ба гендерро, ки ба фароҳам овардани имкониятҳои баробари занон ва мардон дар дастрасӣ ба маблағгузорӣ барои технологияҳои сабз равона шудаанд, дастгирӣ мекунад.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Бале, лоиҳаи GEFF Тоҷикистон технологияҳои каммасрафро маблағгузорӣ мекунад, ки хароҷотро кам ва рақобатпазириро баланд мебардоранд. Инчунин, лоиҳа маслиҳатҳои техникӣ медиҳад, дар интихоби технологияҳо ва санҷиши экологӣ (Green Performance) кӯмак мерасонад. Сармоягузориҳои мувофиқ, аз сарфаи энергия, энергияи барқароршаванда, самаранокии истифодаи обу дигар захираҳо ва технологияҳои мутобиқсозии таъғйирёбии иқлим ба монанди техникаи кишоварзӣ, системаҳои обёрии қатрагӣ, гармхонаҳо, боғҳои интенсивӣ, сардхонаҳо ва таҷҳизоти коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ иборатанд.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Ташаккур Замира, ин воқеан таҷрибаи ҷолиб ва илҳомбахш аст. Маблағгузории технологияҳои сабз ва чораҳои устувори энергетикӣ рӯз аз рӯз муҳимтар шуда истодааст ва мо бояд нуқтаи назари гуногунро бифаҳмем.

Хотиррасон мекунам, ки Барномаи Маблағгузории Иқтисоди Сабзи Тоҷикистон моҳи ноябри соли 2019 расман оғоз ёфт ва лоиҳаи Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд буда, дар ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо, Хазинаи Иқлими Сабз ва Ҷумҳурии Корея амалӣ шудаистодааст. Лоиҳаи мазкур тавассути Шарикони молиявии маҳаллӣ, гузариш ба иқтисоди сабзро бо сармоягузории 25 миллион доллари ИМА, ки барои истифодаи самаранокии энергия ва дигар захираҳо пешбинӣ шудааст, фаъолият менамояд. Аз рӯзи фаъол гаштани хатти қарзӣ бо шарики аввалини GEFF, тақрибан 1 миллион доллар барои 200 баҳрабарандагон ҷудо карда шудааст. Лоиҳаи GEFF Тоҷикистон технологияҳои инноватсионии сабзро дастгирӣ мекунад. Барои маълумоти иловагӣ, лутфан ба сомонаи www.ebrdgeff.com/tajikistan назар намоед ё моро дар Фейсбук пайдо кунед.

Ин буд аввалин силсилаи подкастҳои лоиҳаи GEFF Тоҷикистон, ки дар ду ҳафта як маротиба омода мешавад. Ба шунавандагон барои таваҷҷӯҳатон ташаккур ва аз подкасти оянда, ки ба "Технологияи гармхонавӣ" бахшида шудааст, пайгирӣ намоед. Ниҳоят, мехоҳем нисбати худ ва наздикон ғамхорӣ зоҳир карда, қоидаҳои масофаи иҷтимоӣ ва гигиенаи шахсиро риоя намоед. Хайр, то барномаи оянда. Хонаобод бошед!